# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ маълум аст, ки бар асари бархурди унсурҳои фарҳангӣ, муҷодалаи падидаҳои мухталиф ва таъсири афзуни онҳо тафаккури маънавию ахлоқии инсоният низ коҳиш меёбад, бо мурури замон анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявӣ аз озмоиши шадиди таърих гузашта, барои тавлиди арзишҳои наави маънавии наслҳои оянда заминаи устувор фароҳам меоранд. Дар ин замина ниёзмандии бештар барои ҷустуҷӯи роҳу равишҳои такмили низоми ахлоқи инсонӣ ва ташаккули хислатҳои ҳамида дар вуҷуди наслҳо ба вуҷуд меояд.

Арзишҳое, ки барои давраи мушаххаси таърихӣ қимати бештар доранд, дар натиҷаи интиқол ва омезиш ёфтан бо арзишҳои муосир ва суннату анъанаҳои пешқадами тарбиявии дигар халқу миллатҳо ба вусъати эътибори умумибашарии онҳо мусоидат намуда, боиси ҷолибият ва истифода дар раванди таълиму тарбияи наслҳои минбаъда мегардад.

Педагогикаи муосир аз пуртаъсиртарин методро дар шароити кунунӣ истифодаи мероси маънавии бузургони адабиёти гузаштаву имрӯзаи мо дар раванди тарбияи насли ҷавон намудааст, ки ҳамакнун як самти муҳими таҳқиқоти илмҳои педагогиро низ ба вуҷуд овардаанд.

Диссертатсияи номзадии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) аз чунин корҳо ба шумор меравад, ки маҳз бо мақсади пешниҳоди равишҳои муассир ва матлуби корбурди осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик, дар мисоли осори гаронарзиши Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, дар ҷараёни ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва ҳифзу ҳимояти худшиносиву хештаншиносӣ бо

максади ташаккули масъулиятшиносӣ таълиф гардидааст. Зеро барҳақ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «Бешак, тамоми осори гаронбаҳои аз ниёгон то ба имрӯз расида асрҳои аср ҳамчун мактаби бузурги таълиму тарбия боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик ба заволи маънавӣ рӯбарӯ гардад".

Диссертатсияи Т.Ш. Олимов дар меҳвари худ ҳамин масъалаи доги рӯз, яъне таъсири ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои миллӣ, яъне оилаву оиладорӣ ва роҳҳои рушду такомули арзишу аҳамияти ин ниҳоди инсониро ба силки таҳқиқ кашидааст. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб ва 6 фасл, хулоса, нуктаҳои тавсиявӣ, рӯйхати адабиёти судманд ва замимаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ таркиб ёфтааст.

Унвонҷӯ зербинои кори хешро аз ошноӣ бо санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми зиндагии моро танзим мекунад оғоз намуда, дар муқаддимаи кори хеш пояҳои асосии мустаҳкамкунии оиларо аз он ҷустуҷӯ карда, маводи зиёди судмандро баён сохтааст. Маҳз бо дастгирӣ ва пуштибонии Пешвои миллат нашру бознашр шудани осори гаронмояи классикони мо, аз ҷумла асари машҳури Муҳаммад Ғаззолӣ «Кимиёи саодат» ва яке аз дурдонаҳои адабиёти Шарқ «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус худ далели ин қавлҳост. Зеро ин ду асар дар афкори педагогии халқи тоҷик дар радифи ҷолибтарин ва пурарзиштарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ қарор дошта, ба забонҳои машҳури дунё, аз ҷумла англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ, тоторӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума борҳо тарҷума шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Маҳз паҳлуҳои мухталифи ахлоқии марбут ба оила ва оиладорӣ дар ин асарҳо равшан ва муассир баён шудааст, ки метавон онро ҳамчун асарҳои фундаменталӣ дар ин мавзӯъ шинохт.

Аз ин нигоҳ, мавзӯи интихобшуда аз тозагиҳои муайяне бархурдор аст, ки самараҳои он ҳам барои идомаи таҳқиқоти ҷудогонаи мавзуъ ва ҳам татбиқи натиҷаҳо ба даст омада барои тарбияи насли имрӯз дар мактабу донишгоҳҳо муфид мебошад.

Баррасии дарачаи омӯхта шудани мавзуъ аз як тараф аз огоҳ будани диссертант аз таҳияи аппарати илмӣ ва огоҳӣ аз навиштаҳои олимони ватаниву хориҷӣ дарак диҳад, аз ҷониби дигар бозгӯи он аст, ки муаллиф давраи мутолиотии хешро хеле пурсамар гузаронидааст, зеро осори таҳқиқии ватаниву хориҷӣ ба таври зарурӣ ва дар сатҳи матлуби илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Диссертант муҳимтарин корномаҳои илмии донишмандони тоҷик, хоса муҳаққиқони риштаи педагогика ба анҷомрасонидаро дар мавриди худи мафҳуми оила ва оиладорӣ ва моҳияти фалсафиву иҷтимоӣ ва тарбиявии он ба риштаи таҳлил кашида, зимнан ба сатҳи нокофии таҳқиқоти дар ин арса ба анҷомрасида ишорат ҳам намудааст.

Дар ин замина диссертант нақшаи кории хешро хуб тарҳрезӣ намуда, ҳадафҳои илмиву озмоиширо хуб пешорӯ гузоштааст. Барои расидан ба ин мақсадҳо роҳи дарозу мураккабро интихоб намуда, аввалан муаммову ихтилофоти омӯзиши мавзуи арзишҳои оиладориро дар осори мутафаккирони халқи тоҷики асри XI **муайян намудааст**.

Ҳамзамон, асосҳои методологии таҳқиқот ва марҳилаҳои анҷоми он, ки ҳудуди солҳои 2013-2022-ро фаро мегиранд, дар сатҳи зарурӣ ва бо нишон додании корҳои дақиқан бар асоси мутолеаи осори бадеӣ ва таҷрибаҳои амалии гузаронида дар байни хонандагону омӯзгорони МТМУ ва падару модарон ҳамчун пойгоҳи тадқиқоти илмӣ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи Т.Олимов маълум мегардад, ки бори аввал дар заминаи таҳқиқоти мазкур масъалаи таъсири афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, дар мисоли Унсурулмаолӣ Кайковусу аллома Муҳаммад Ғаззолӣ ва нақши онҳо дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар ниҳоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси таълими асарҳои ин нобиғагон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант, пеш аз ҳама, баҳри муайян ва исбот намудани моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо

амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳо дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон кушиши хешро равона сохтааст.

Ба ин хотир ӯ афкори педагогии мутафаккирони асри XI-ро ҳамчун объекти таҳқиқот кабул намуда, дар натиҷаи омӯзиш ва озмоиш – омилҳо ва асосҳои технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории гояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ва самаранокии онҳоро муайян кардааст.

Диссертант дар асоси методҳо ва усулҳои пешрафтаи таҳқиқи ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла ӯ мазмун ва мундариҷаи гояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI-ро - ошкор намуда, ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар гояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики ин давраро таҳлил ва муайян намудааст. Инчунин роҳу воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладориро аз таълифоти ин мутафаккирон ҷудо намуда, таъсири онро дар бунёди оилаҳои солими муосир нишон доданӣ шудааст.

Дар натиҷаи ковишҳои муттасил ва озмоишҳои гузаронида ӯ исбот кардааст, ки афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик яке аз сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосири тоҷик ба шумор меравад. Ин падида, яъне фалсафа ва маърифати ориёӣ, дини Ислом ва назми тасаввуфӣ ба ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асри XI таъсири амиқ расонидааст ва дар раванди минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, пойдории оила, рушди илму маориф, адабиёт ва ҳунари мардумони тоҷику форс ва халқҳои ҳамсоя таъсири лозима гузоштааст.

Ҳамчунин ӯ аз матну батни осори классикӣ маълум кардааст, ки афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз суннатҳои маърифатии мардуми ориёинажод, афкору андешаи таълиму тарбиявии осори гаронарзиши ниёгон сарчашма мегирад. Илова бар ин, гояҳои педагогии ин мутафаккирон оид ба

ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба суннатҳои оиладории мусулмонӣ такя намуда, дар натиҷаи ҳамгирой ва омезиши таърихӣ бо падидаҳои арзишманди фарҳанги хонаводагии ориёӣ, юнонӣ, мисрӣ ва ҳиндиву чинӣ ғановати бештар пайдо карда, бо шарофати пайомадҳои сиёсати оқилонаи давлати Сомониён на танҳо ба ташаккул ва рушди фарҳанги оиладории халқи тоҷик, балки ба ривоҷу равнақи одобу суннатҳои матлуби оиладории халқҳои ҳамсоя таъсири амиқ расонидааст.

Унвонҷӯ дар ин раванд таъсири ҳамаҷониба доштани волидайнро аз назар дур надошта, дар асоси натиҷаҳои озмоиш эълом медорад, ки новобаста аз шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши таъриху фалсафаи педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, дар асри XI, аз ҷумла, роҷеъ ба одобу суннатҳои оилавӣ, тарбияи инсони комил, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳанӯз дар ин самт проблемаҳои зиёди илмӣ, аз қабили нақш ва ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик дар ташаккули фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги педагогии волидайн, суннатҳои меҳмондорӣ, одоби муошират, оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, нақши арзишҳои оиладории ниёгон дар пешгирии хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони демографӣ ва боз чандин масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонанд, ки ба пажӯҳишҳои густурдаи илмӣ ниёз доранд.

Мавзӯъ ва масъалаҳои ба таҳқиқ кашидашуда дар бобу фаслҳои рисола хуб ҷобаҷо гузорӣ шудаанд. Мисолҳо ва абёту матолиби овардашуда, аз тафаккури хуби интиқодӣ ва илмӣ доштани унвонҷӯ ошкор хабар медиҳад. Хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия, дар ҳақиқат, барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии фаъолияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавонад хизмат кунад. Бо ин роҳ метавон гуфт, ки педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави

педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» метавонад боз ғанитар гардад

Интишороти унвонҷӯ, ки аз 10 зиёд аст ва дастури методии таҳиякардаи ӯ хеле саривақтӣ буда, барои таҳия ва таҳқиқи корҳои минбаъда хидмати шоён карда метавонад

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмиву амалӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки зикри бархе аз онҳо ба ҳукми пешниҳод мувофиқи мақсад аст:

1. Диссертатсия дар қолаби ду боб ва чор фасл таҳия шудааст, хуб мешуд, дар ҳар ду боб, ақалан як фаслии дигар илова карда шавад, зеро матолиби зиёди илмӣ, ки метавон онро ба чанд фасл ҷудо намуд, танҳо дар як боб дар доираи ду фасл ҷой дода шудааст. Ҳатман бояд ин фаслҳо бознигарӣ шаванд, метавон фасли алоҳидаеро ба навиштаҳои Унсурулмаолӣ ва фасли ҷудогонаро ба М.Ғаззолӣ бахшид.

2. Дар диссертатсия аз гуфторҳои мутафаккирон дар асоси матнҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо ғалатҳо ҷой доранд. Хуб мешуд, диссертант дар ислоҳи дурусти матнҳои мазкур кушиш намояд, то фаҳми матлабу мантиқи сухан барои хонандагон низ дуруст гардад.

3. Хуб мебуд, диссертант матлабҳои марбут ба арзиши оиладорӣ, ки дар асари дигари Муҳаммад Ғаззолӣ "Аййуҳа-л-валад" омадааст, мавриди корбарӣ ва муқоисаву таҳлил қарор медод.

4. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда низ баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллифи диссертатсия мебошад ва баъзе хатоҳои имлоиву услубиро дар худи матни диссертатсия нишон додаам.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ метавон изҳор гуфт, ки Олимов Тагойбек дар ин мавзӯи интихобнамудааш кори илмии хубро анҷом додааст, диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.-

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ мебошад.

**Муқарриз**

Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш. А.

Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А. Мустафозода

*Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*тел:+ 992 (37) 224-13-83 E-mail: info@tgpu*